СОҲИБКАСБӢ - ЗАМИНАИ ОМОДАГИИ ҶАВОНОН БА ЗИНДАГИИ МУСТАҚИЛОНА

26 ноябри соли 2026 дар доираи татбиқи нақшаи кории Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва густариши ҳамкориҳои илмӣ-методӣ бо муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳ семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Соҳибкасб будан, омода будан ба зиндагии мустақилона» баргузор гардид.Чорабинии мазкур дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати соҳибкасбу соҳибҳунар намудани ҷавонон, баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ ва омода намудани насли наврас ба зиндагии мустақилона ташкил карда шуд. Семинарро Маҳкамов Дастам, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳ ифтитоҳ бахшид ва дар мавзуи «Соҳибкасб будан, омода будан ба зиндагии мустақилона» маърӯза намуда, масъалаҳои ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, рушди тафаккури мустақилона, қобилияти қабули қарорҳои асоснок ва омодагии ҷавонон ба фаъолияти меҳнатию иҷтимоиро аз дидгоҳи педагогӣ мавриди баррасӣ қарор дод. Сипас, Набиев Сазовор дар мавзуи «Нақши таҳсилоти касбӣ дар ташаккули шахсияти соҳибкасб ва омода намудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона» суханронӣ намуда, имкониятҳои таҳсилоти касбиро дар рушди дониш, малака, қобилият ва сифатҳои шахсии ҷавонон, инчунин омодасозии онҳо ба фаъолияти мустақилонаи касбию иҷтимоӣ шарҳ дод. Ҳамзамон, Қосимова Мастура, роҳбари бахши идоракунии сифати таҳсилоти Коллеҷи омӯзгорӣ, масъалаҳои тарбияи масъулиятшиносӣ, ташаккули мустақилияти иҷтимоию иқтисодии ҷавонон ва аҳаммияти фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимиро дар ин раванд мавриди таҳлил қарор дод. Мудири кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгорӣ - Набиев Сазовор ба аҳаммияти касбомӯзӣ, нақши муассисаҳои таълимӣ дар омодасозии мутахассисони соҳибихтисос ва ташаккули малакаҳои ҳаётии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Дар анҷоми семинар миёни иштирокчиён мубодилаи афкор сурат гирифта, ба зарурати таҳкими ҳамкории муассисаҳои илмию таълимӣ, такмили заминаҳои педагогии касбомӯзӣ ва омода намудани ҷавонон ба фаъолияти мустақилонаи касбию иҷтимоӣ таъкид гардид.


МУКАДДАСОТИ МИЛЛӢ
АГАР ДАР ЧАҲОН НАБВАД ОМӮЗГОР,
ШАВАД ТИРА АЗ БЕҲИРАД РӮЗГОР.
— МАЪРӮЗА ДАР МАВЗӯИ: —
«Соҳибкасб будан ва омода будан
ба зиндагии мустақилона»


ПСИХИКА ШУУР


МУКАДДАСОТИ МИЛЛӢ
— МАЪРӮЗА ДАР МАВЗӯИ: —
«Соҳибкасб будан ва омода будан
ба зиндагии мустақилона»


РОҲИ ЯГОНАИ МО - БУНЕДИ ҶОМЕАИ ДОРОИ РУШДИ УСТУВОР


ПСИХИКА ШУУР
ҲАЁТИ РУҲИИ ИНСОН
КИСЛАТКОИ ПСИХОЛОГИ
МАЪРӮЗА ДАР МАВЗУИ:
«Соҳибкасб будан ва омода будан ба зиндагии мустақилона»

